«Тасдиқ мекунам»
Директори Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.с. Маҳмадбеков М. Ш.
«_14_» ________ 2023 с.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзӯи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) пешниҳод гардидааст.

1. **Мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқот.**

Расидан ба ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар рушди ҳамаҷонибаи соҳаи саноатро талаб менамояд. Рушди муносибатҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои саноатӣ, пеш аз ҳама такмили низоми ҳавасмандгардонии меҳнатии қувваи корӣ барои тезонидани раванди саноатикунонӣ шароити заруриро фароҳам меорад. Лозим ба ёдоварист, ки саноат ҳамчун соҳаи афзалиятноки бахши воқеии иқтисодиёт дар Стратегияи миллии рушди дарозмуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нақши марказӣ дорад. Дар ин ҳуҷҷати муҳим қайд шудааст, ки барои таъмини рушди устувор аз тариқи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, таъмини суръати нисбатан баланди рушди саноат дар муқоиса ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт ва зиёд намудани ҳиссаи он дар ММД-и кишвар яке аз тадбирҳои асосӣ мебошад.

Дар баромадҳои роҳбари олии кишвар оид ба нақши калидии соҳаи саноат дар рушди иқтисоди миллӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳалли мушкилоти бекорӣ, таъмини бозорҳои дохилӣ бо молу маҳсулоти саноатии воридотивазкунанда ва дар ниҳоят баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ борҳо ишора карда шудааст.

Вобаста ба нуктаҳои зикршуда, ки мубрамии таҳқиқи илмии паҳлуҳои алоҳидаи соҳаи саноатро ифода менамоянд, муҳимияти иҷрои таҳқиқоти диссертатсиониро дар мавзӯи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» нишон медиҳад. Аз ин рӯ, оид ба рӯзмарагии мавзӯи рисолаи илмӣ шакку шубҳа вуҷуд надорад, чунки то кунун низоми ҳавасмандгардонии моддии захираҳои меҳнатии корхонаҳои саноатии кишвар, бахусус вилояти Хатлон такмилталаб мебошад.

**2. Дараҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба дурустии маълумот, миқдори кофии маводи таҳқиқшуда, ҷамъоварӣ, коркард, таҳлил ва роҳҳои такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон, нашри натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои илмии бонуфуз, аз ҷумла нашрияҳои тақризшаванда аз тарафи муаллиф асос меёбад. Хулосаю тавсияҳо бар таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариви ва таҷрибавӣ асос меёбанд. Асоснокӣ ва сатҳи баланди дақиқии натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳои диссертатсияи тақризшавандаро омӯзиши амиқи паҳлуҳои назариявии ҳавасмандгардонии меҳнат, таҳлили низоми ҳавасмандгардонӣ ва арзёбии саҳми ҳавасмандгардонии моддӣ дар афзоиши ҳосилнокии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон ташкил менамояд. Қобили зикр аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷамъоварии маълумот, банизомдарорӣ, таҳлил, баҳодиҳӣ ва муқоисаи онҳо дар тамоми марҳилаҳои омӯзиш, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи ин маводҳо, таҳқиқи таҷрибаи кишварҳои пешқадам ва роҳандозии ҷиҳатҳои имконпазири он дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон мазмуни баланди илмӣ ва аҳамияти амамлӣ доранд. Ба сифати сарчашмаҳои иттилоотии таҳқиқот паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи меҳнат, барномаҳои рушди соҳаи саноат, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, маҷмӯаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва

технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин диссертатсияҳо, монографияҳо ва мақолаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ (аз он ҷумла олимони рус) баромад менамоянд.

**3. Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Кори диссертатсионӣ ба талаботи сархатҳои зерини шиносномаи КОА - назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) мутобиқ гардонида шудааст: қисмҳои 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он. 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ. 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; вазифаи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат. 10. Ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат, усулҳои андозагирӣ, омилҳои таъсирасон ва захираҳои афзоиш. 13. Танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; таъсири муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он. 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқат мекунад.

**4. Саҳеҳӣ ва навгонии илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки навгониҳои илмиро дар бар мегиранд, инҳо мебошанд:

– асосҳои илмию назариявии ҳавасмандгардонии меҳнат омӯхта шуда, фаҳмиши муаллифии ҳавасмандгардонии моддии меҳнатии кормандон муайян гардид, бо назардошти дигаргуншавии шароит ва афзоиши мунтазами самараи меҳнат тағйирпазирии методология ва низому механизми ҳавасмандгардонии моддӣ аз мавқеи такмилдиҳӣ дақиқ карда шуд, муҳимияти ҳавасмандгардонии моддӣ аз мавқеи қонеъгардонии талаботи физиологӣ асоснок карда шуд, қонуниятҳо ва хусусиятҳои қаноатбахшии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ошкор карда шуда, афзалияти ҳавасмандгардонии моддӣ нисбат ба ғайримоддӣ муайян карда шуд;

– таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат аз мавқеи дар корхона нигоҳдории кадрҳои боистеъдод ва гаронарзиш, ҳавасмандгардонии дастаҷамъона ва инфиродӣ, ҳавасмандгардонии ба собиқаи кории корманд асосёфта, низомҳои ҳавасмандгардонии ҳамафарогир, ҳавасмандгардонӣ вобаста ба натиҷаҳои воқеии меҳнат ошкор карда шуданд, ки дар шароити корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон имконияти роҳандозиро доранд.

– шароиту имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон таҳлил гардида, ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар онҳо арзёбӣ карда шуд, норасоии имкониятҳои молиявию

пардохтнопазирӣ, коҳишёбии арзиши дороиҳо ва истифодаи нокифояи имкониятҳои инноватсионӣ, ғайриқаноатбахш будани арзиши харочот барои таъмини қувваи корӣ, аз ҷумла нокифоягии ҳаҷми музди меҳнат, мавҷудияти уҳдадориҳои корхонаҳои саноатӣ оид ба қарздории мӯҳлаташ гузашта аз пардохти музди меҳнат, зарурати афзоиши бузургии воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ ва вобастагии такмили низоми ҳавасмандгардониҳо аз унсурҳои моддии ҳавасмандгардонӣ муайян ва ошкор карда шуд;

– омилҳои ба самаранокии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат таъсиррасон муайян ва ошкор карда шуд, аз ҷумла омилҳои зерини манфӣ: маҳдудияти ҳаҷми воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ, истифодаи нопурраи нерӯи ҷисмонӣ, малакаҳои зеҳнии кормандон ва ғайрисамаранок истифодабарии дороиҳо, тамоюли манфии индекси нархҳои истеъмолӣ, ноустувории нишондиҳандаҳои натиҷавӣ ва таъсири онҳо ба мунтазамии ҳавасмандгардонии моддии корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон;

– самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддӣ ва асосҳои институтсионалӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон асоснок карда шуданд, ки инҳо: ҳамоҳангсозии низом ва механизмҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ба мақсад ва стратегияи рушди корхонаҳо, такмили ҳуҷҷатҳои сатҳи дохилӣ аз мавқеи таъмини мустақилият ва фарогирии ҳама ҷузъиёти ҳавасмандгардонии моддӣ, амали мунтазаму одилонаи низоми ҳавасмандгардонӣ ва вобаста ба тағйироти шароит рушдёбанда будани он, таъмини таносуби муносиби музди меҳнат ва дигар намуди ҳавасмандгардониҳои тағйирёбанда, бартарӣ додан ба усулҳои ҳавасмандгардонии моддӣ нисбат ба ғайримоддӣ дар низоми ҳавасмандгардонии амалкунандаи корхонаҳои саноатӣ, такмили ҳуҷҷатҳои сатҳи дохилии корхонаҳои саноатӣ, бахусус шартномаҳои меҳнатӣ аз мавқеи фарогирии шароити муосоиди ҳавасмандгардонии моддӣ мебошанд;

– тавсия дода мешавад, ки дар шароити шуғли пурмаҳсул баландбардории сатҳи касбият ва донишҳои инноватсионии захираҳои меҳнатии минтақа, ҷорӣ намудани низоми ҳамафарогир ва механизми прогрессивии ба афзоиши ҳаҷми воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ нигаронидашуда, ҳамкории устувори иҷтимоӣ байни иттифоқи касаба ва маъмурияти корхонаҳои саноатӣ, ки самараи баланди меҳнатро таъмин менамоянд, ҷиҳати такмили механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони саноатии вилояти Хатлон муҳим арзёбӣ мегарданд.

**5. Аҳамияти назариявӣ ва амалии кор** – аз он иборат мебошад, ки асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷиҳати рушди заминаҳои назариявии такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии

меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон мусоидат менамоянд. Хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои амалии диссертатсия бошанд, такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилоятро бо роҳи ворид намудани онҳо дар барномаҳои давлатии рушди соҳаи саноат ва ҳуҷҷатҳои сатҳи корхонаҳо таъмин менамоянд. Ба инобат гирифтани пешниҳодҳои муаллиф аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти илмӣ-таҳқиқотии меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон, инчунин корхонаҳои саноатии вилоят имкон медиҳад, то низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон такмил дода шавад.

**6. Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ.**

Диссертатсия дорои сохтори мантиқӣ буда, дар он мақсад, вазифаҳо, навгониҳо ва пешниҳоду хулосабарориҳо ҳамоҳанг мебошанд. Муаллифи таҳқиқот бо дарки баланди илмӣ мушкилоти низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон муайян намуда, заминаҳои устувори методӣ ва тавсияҳои амалиро ҷиҳати такмили ҳавасмандгардонии моддӣ коркард кардааст.

Дар боби якум-«Асосҳои илмию назариявии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат» муҳаққиқ таҳаввулоти муқарраротҳои назариявии ҳавасмандгардонии меҳнат омӯхта (саҳ.15-65), равияҳои методии ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ аз мавқеи такмилдиҳии он таҳқиқ карда аст (саҳ.31-47) ва имкониятҳои роҳандозии таҷрибаи хориҷии ҳавасмадгардонии моддии меҳнатро дар корхонаҳои саноатӣ муайян ва ошкор намудааст (саҳ.48-63).

Ба муаллиф муяссар шудааст, ки ақидаҳои олимон-иқтисодчиёнро оид ба меҳнат шуруъ аз намояндагони мактаби физиократҳо то иқтисодчиёни муосири хориҷию ватанӣ гурӯҳбандӣ кунад ва мавқеи илмии худро муайян намояд (ҷадв. 1.1.1, саҳ.18-19). Дар ҷадвали 1.1.2, саҳ.26-27 фаҳмиши «ҳавасмандгардонӣ», ки дар таҳқиқоти иқтисодчиёни рус ва осори илмии иқтисодчиёни ватанӣ ҷой дорад, аз ҷониби муҳаққиқ ба низоми муайян даровarda шуда, нуктаи назари муаллифӣ оиди мафҳуми мазкур пешниҳод шудааст.

Равияҳои методии арзёбии низоми ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ дар зербоби 1.2 омӯхта шуда, дар саҳ.

39 (расми 1.2.1) намудҳои ҳавасмандгардонӣ, ҷадвали 1.2.1 (саҳ.34) намудҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, ҷадвали 1.2.2 (саҳ.39) принсипҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, расми 1.2.2 (саҳ.41) усулҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, алоқамандии ниёзҳои инсонӣ ва ҳавасмандгардонии моддӣ (саҳ.41-42), қонуниятҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат расми 1.2.4 (саҳ.46) ҷой дода шудааст, ки қобили қабул мебошанд.

Таҷрибаи хориҷӣ оид ба ҳавасмандгардонии моддии қувваи корӣ омӯхта шуда, имкониятҳои ҷорикунии он дар шароити корхонаҳои саноатии ватанӣ таҳқиқ ва асоснок карда шудааст.

Боби дуюми диссертатсия, ки ба таҳқиқи «Вазъи муосир, муаммоҳо ва омилҳои ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон» бахшида шудааст, муаллиф ҷараёни ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандонро дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон таҳлил намуда, нишондиҳандаҳо ва омилҳои раванди ҳавасмандгардонии моддиро мавриди арзёбӣ қарор додааст.

Дар ин қисмати таҳлилии диссертатсия (зербоби 2.1.) нишондиҳандаҳои зерини фаъолияти корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шудаанд: таъмини шуғли аҳолӣ дар соҳаҳои саноат (ҷадвали 2.1.1, саҳ. 67), истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулоти саноатӣ (ҷадвали 2.1.2, саҳ. 68), гуруҳбандии корхонаҳои саноатӣ вобаста ба натиҷаҳои молиявӣ (ҷадвали 2.1.5, саҳ. 74), дороиҳои корхонаҳои саноатӣ ва баҳодиҳии онҳо (ҷадвали 2.1.6, саҳ. 76), самаранокии хароҷоти музди меҳнати кормандон (ҷадвали 2.1.8, саҳ. 79) ва дигар нишондиҳандаҳои ба ҳавасмандгардонии моддӣ алоқаманд.

Дар зербоби 2.2. нишондиҳандаҳои мустақими ҳавасмандгардонии моддӣ, аз ҷумла нишондиҳандаи истифодаи фонди тақвимии вақти корӣ дар соҳаи саноат (саҳ.84-85), имтиёз ва ҷубронпулӣ ба кормандони саноати ҷумҳурӣ бинобар сабаби шароити зарарноки меҳнатӣ ва номусоиди корӣ (саҳ.85-86), фонди музди меҳнат (саҳ.87-89), арзиши хароҷот барои таъмини қувваи корӣ (саҳ.89-90), пурсиши иҷтимоии гузаронидашуда дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон таҳлилу арзёбӣ гардида, дар натиҷа хулосаю пешниҳодҳо бароварда шудаанд.

Дар зербоби 2.3 (саҳ.98-110) омилҳои ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатии вилоят гуруҳбандӣ ва таҳлил карда

шудаанд, аз ҷумла: тағйироти қувваи корӣ дар соҳаҳои саноати вилоят, арзёбии таъсири дороиҳо ба сатҳ ва самаранокии ҳавасмандгардонии моддӣ, тамоюли музди меҳнати номиналӣ ва ҳақиқии кормандон, таносуби музди меҳнати номиналии кормандони корхонаҳои саноатии вилоят нисбат ба даромади як нафар аъзои хонавода ва музди меҳнати ҳадди ақал.

Дар боби сеюм-«Такмили низоми идоракунии ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ» (саҳ. 114-141) ҳамчун боби хотимавӣ самтҳои бартаридоштаи такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат муайян ва ошкор карда шуда, ҷиҳати такмили асосҳои институтсионалиии ва механизми ҳавасмандгардонии моддӣ дар шароити шуғли пурмаҳсул тавсияҳо коркард ва пешниҳод гардидаанд.

Дар зербоби 3.1. аз ҷониби муаллиф низоми мукаммал ва тавсияшавандаи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат барои корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон (расми 3.1.1, саҳ.118), Амсилаи чорсатҳаи низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (расми 3.1.4, саҳ.121), усулҳои босамари низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон (расми 3.1.5, саҳ. 124) таҳия карда шудааст, ки ҳалли вазифаи панҷуми дар диссертатсия гузошташударо нишон медиҳанд.

Дар зербоби 3.2 асосҳои институтсионалии ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ таҳқиқ шуда, ҷиҳати мукамммалгадонии он таклифу пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ оварда шудаанд.

Зербоби 3.3. механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони саноатиро дар шароити ташаккули шуғли пурмаҳсул фаро гирифта, саҳми асосии муаллиф дар таҳияи тавсияҳо ҷиҳати такмили механизми мазкур дида мешавад.

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба натиҷаҳои диссертатсия.**

Диссертатсияи тақризшаванда дар баробари натиҷаҳои баландарзиши илмӣ-амалӣ доштанаш, ки аксарияти онҳо дар боло қайд шуданд, он дорои камбудиҳо ва андешаҳои то андозае баҳсталаб мебошад, ки зикр намудани онҳоро муҳим мешуморем:

1. Дар ҷадвали 1.1.1 (саҳ. 17), ки ақидаҳои иқтисодчиён оид ба меҳнат гурӯҳбандӣ карда шудааст, ба истисмнои ақидаи Қодирзода Д.Б., нуқтаи назари дигар иқтисодчиёни ватанӣ оварда нашудааст. Ҳол он

ки оид ба меҳнат иқтисодчиёни зиёди ватанӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

2. Зербоби 1.2 ба равияҳои методии арзёбии низоми ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ бахшида шудааст. Хуб мешуд, агар маводи дар ин қисмти диссертатсия истифодашуда аз мавқеи муқоисакунии низомҳои ҳавасмандгардонии моддӣ таҳқиқ мегардид.

3. Дар зербоби 2.1 бештар нишондиҳандаҳои ғайримустақими ҳавасмандгардонии моддӣ таҳлилу арзёбӣ шудаанд. Аммо ба манфиати таҳқиқот мебуд, агар дар боби дуюм нишондиҳандаҳои мустақими тавсифдиҳандаи динамикаи ҳавасмандгардонӣ истифода мешуд.

4. Зербоби 3.3 ба механизми ҳавасмандгардонии моддӣ дар шароити ташаккули шуғли пурмаҳсул бахшида шудааст. Вале таҳқиқи муаллиф дар ин зербоб то ҳадди зарурӣ шароити ташаккули шуғли пурмаҳсулро фаро мегирифт боз ҳам хубтар мешуд.

**8. Мувофиқати диссертатсия ба “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”.**

Дар умум, чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки рисолаи диссертатсионӣ таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта буда, навгониҳои назариявӣ, илмӣ-методӣ ва амалиро ҷиҳати такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ таҷассум менамояд. Автореферат ва мақолаҳои илмии нашркардаи муаллиф мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва навгониҳои илмии онро фаро мегиранд. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ навишта шуда, натиҷаҳои бадастовардаи муаллифи он арзиши баланди илмӣ дорад.

Диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 –юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки муаллифи кори диссертатсионӣ Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) дода шавад.

Тақризи муассисаи пешбар дар маҷлиси Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати

меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 12-уми сентябри соли 2023, протоколи №11 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

**Раиси ҷаласа:**
Директори
МД «Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират
ва шуғли аҳолӣ»,
н.и.с. Маҳмадбекзода М.Ш.

**Ташхисгар:**
н.и.и., мудири шӯъбаи бозори меҳнат
ва шуғли аҳолии МД «Пажуҳишгоҳи
меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» Васиев Ф.М.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., мудири шӯъбаи танзими
масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии
МД «Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират
ва шуғли аҳолӣ» Раимдодов У.С.

Имзои Маҳмадбекзода М.Ш., Васиев Ф.М., Раимдодов У.С. -ро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳои
МД «Пажуҳишгоҳи меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» -и
Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва
шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Султонбекова С.Ш.

Суроғаи пажуҳишгоҳ:
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5,
e-mail: nii-truda@mail.ru,
тел: +992 907839645
«14» 09 2023